**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

ВБД: 331.556(575.3)
ТКБ: 65.5(2Т)
О - 15

**ОБИДЗОДА УМЕД ФОЗИЛ**

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗЪИ ГЕОИҚТИСОДӢ ДАР ҶАҲОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

**ДУШАНБЕ-2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Асрорзода Убайдулло Саттор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ректори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Содиқов Метархон Соқибоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
**Гулзода Фаррух Маҳмадшоҳ** – доктори фалсафа (PhD), мутахассиси пешбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи “03” 01 соли 2026 соати 09:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734026, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, E-mail:shuro004@mail.ru, телефони котиби илмӣ: +992 902426655.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи расмии он www.tnu.tj. шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» __________ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисод** **Гулов Ш.М.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳамгироии босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва таҷдиди равандҳои геостратегӣ таҳқиқи омилҳои баландбардории рақобатпазирӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ зарурияти хосса касб менамояд. Иқтидори афзояндаи Хитой дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҷойгоҳу нақши мустақими он дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан дар доираи «Як камарбанд – як роҳ», таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои таъсиррасон ба равандҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратро дар байни ду кишвар талаб менамояд.

Барои Тоҷикистон, ки иқтисоди он то ҳол дар раванди ташаккул ва гуногунсозии бозорҳои содиротӣ ва пардохтӣ қарор дорад, рушди устувори иқтисодӣ бештар тавассути густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ имконпазир мебошад. Дар ин замина, омӯхтани самтҳои асосии воридоти сармояҳои Хитой ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла саноат, энергетика ва инфрасохтор, қадами муҳим ба сӯйи таҳкиму мукаммалсозии пояҳои рушди дарозмуддат маҳсуб меёбад. Илова бар ин, вусъат ёфтани ҳамкориҳо дар асоси шартномаву созишномаҳои марбута, аз ҷумла Созишномаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисодиву тиҷорат ва барномаҳои муштараки сармоягузории байниҳукуматӣ зарурати тадқиқоти илмиро дар ин самт боз ҳам бештар мегардонад.

Дар шароити кунунии тағйироти геоиқтисодӣ, ки бо раванди бозсозии занҷирҳои арзишофарини ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобати байниминтақавӣ тавъам аст, нақши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ бо Хитой барои Тоҷикистон дорои аҳаммияти хос мебошад. Дар шароите ки бозорҳои ҷаҳонӣ тағйироти зуд ва ноустуворро таҷриба мекунанд ва зарурати таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ дар марҳилаҳои гузариш пеш омадааст, таҳлили амиқи хатарҳо, имкониятҳо ва паёмадҳои эҳтимолӣ ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ касб мекунад. Маҳз дар заминаи чунин таҳқиқоти илмӣ метавон заминаҳои устувори стратегияи мутавозини ҳамкориҳои хориҷӣ ва сиёсати самараноки сармоягузориро бунёд намуд.

Ҳамин тавр, мубрамияти таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаву хулосаҳои асосии он метавонанд ҳамчун асоси илмию методологӣ барои ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти тарҳрезии барномаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва дурнамои муносибатҳои иқтисодӣ истифода шаванд. Бо назардошти он ки ҷанбаҳои байналмилалии рушди иқтисодӣ дар шароити рақобати байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ доранд, арзёбии илман асосёфтаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Тоҷикистону Хитой дар раванди шаклгирии рақобатпазирӣ, болоравии иқтидори содиротӣ ва ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ нақши муассир мебозанд. Дар айни замон чунин робитаҳо нисбати таҳкими мавқеи ҷумҳурӣ дар низоми мураккаби геоиқтисодии ҷаҳонӣ як қатор муаммо ва мушкилотҳоро ба вуҷуд мебиёранд. Мубрамияти мавзуи интихобгардида аз нуқтаҳои дар боло арзёфта вобастагӣ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масоили рушди робитаҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ объекти таҳқиқоти илмии олимони тахассуси гуногун, ба мисли сиёсатшиносон, иқтисодшиносон ва дигарон, ки ба рушди инфрасохтор сарукор доранд, қарор гирифтанд. Аз зумраи олимону мутахассисоне, ки мушкилиҳои рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Хитойро мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор додаанд, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия Парамонов В., Пейруз С., Мавлонова А.С., Сироежкин К.Л., Воробёв А., Бараев А., Ларин А.Г., Примбетов С., Строков А.В. ва дигаронро метавон номбар кард.

Мутаассифона дар асарҳои олимони номбурда бештар ба масоили умумии рушди ҳамкориҳои байни Осиёи Марказӣ ва Чин ва инчунин ҳамкориҳои байни ИИАО ва Чин таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ба замми ин, дар як қатор асарҳо ҷиҳатҳои сиёсии рушди муносибатҳои байни Осиёи Марказӣ ва Чин авлавият доранд. Асарҳои олимони номбурда на ҳамаи масоили алоқаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои алоҳида ва Чинро фарогир мебошанд.

Масоили рушди робитаҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ дар асарҳои Абдулло Р.Г., Абдилдаев Э., Алшанов Р., Галямова В., Ҷакшенқулов А. Иманалиев М., Коукенов А., Курманова А.,

Мадалиев О.А., Нарибаев М.К., Оразалиев Е., Хоҷаев А., Умаров Ҳ., Асрорзода У.С., Содиқов М., Сафаров Б.Г., Портяков В.Я. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар асарҳои олимони номбурда таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, ки имрӯз тамоми ҷаҳонро фарогир мебошад, нисбат ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар муносибатҳои Тоҷикистону Хитой пурра муайян нагардидаанд. Омилҳои мазкур муаллифи диссертатсияро водор намудаанд, ки дар раванди иҷрои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи интихобшуда ба онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ яке аз роҳҳои тақвияти вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар буда, мавзуи диссертатсионии мазкур бо роҳи таҳлилу баррасии стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва соҳавии ҶТ, ба мисли: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғайраҳо таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин равишҳои амалии таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, мутобиқ ба шароити тағйирёбандаи геоиқтисодии ҷаҳонӣ, ифода меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зерин гузошта, иҷро гардидаанд:

1. Омӯзиши таҳқиқотҳои назариявӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории байналмилалӣ ва тарҳрезии равишҳои консептуалӣ бо назардошти тағйирёбии равандҳои геоиқтисодӣ;
2. Муайян намудани тамоюлҳои ҷаҳонии густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузорӣ ва арзёбии заминаҳои асосии рушди онҳо;
3. Арзёбӣ намудани сохтори таркибии ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории Тоҷикистону Хитой бо воситаи таҳлили пӯёии гардиши савдои хориҷӣ ва дигар масоилҳои муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ;

4. Ошкор кардани омилҳои таъсиргузори дохилӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба сатҳу сифати ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистону Хитой таъсир мерасонанд;

5. Таҳлили механизмҳои таъсири мутақобилаи таҳаввулоти геоиқтисодӣ бо дурнамои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-сармоягузории ду кишвар ва таҳияи заминаи назариявӣ барои пешбурди ҳамкориҳои стратегӣ;

6. Пешниҳоди роҳу усулҳои баландбардории самаранокии ҳамкориҳои байнидавлатӣ, ки иқтидори ҳамгироии тиҷоратӣ-сармоягузориро афзун намуда, ба ташаккули шароити устувори рушди иқтисодии Тоҷикистону Хитой дар шароити тағйирёбии вазъи кунунии геоиқтисодӣ мусоидат мекунанд.

**Объекти таҳқиқотро** вазъи муосири робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳо оид ба омӯзиши тамоюлҳои рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ баромад мекунанд.

.

**Фарзияи таҳқиқот** аз таҳлили муфассали робитаҳои устуворе таркиб ёфтааст, ки хусусияти мураккаб ва низоммандии ду давлатро инъикос мекунад. Ин таҳлил ба омӯзиши ҷанбаҳои сохторӣ ва муайян кардани қонуниятҳои ҷараёнҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой равона шудааст. Тағйирёбии носозгор ва ноҳамоҳанги равобити иқтисодӣ, махсусан дар бахшҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, тақозои таҳлили махсус дорад. Аз ин рӯ, муаллиф ба аҳаммияти омилҳои институтсионалӣ ҳамчун воситаҳои самараноки ҳалли мушкилоти дуҷониба ишора намуда, пешниҳод мекунад, ки дар ҷараёни ташаккули ин гуна ҳамкорӣ бояд омилҳо ва манфиатҳои воқеӣ ва объективӣ ба таври ҳамаҷониба ба инобат гирифта шаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ дар тӯли солҳои 2022-2024 дар кафедраи

«Иқтисодиёти ҷаҳони»-ии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот** аз он корҳои илмию тадқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ бармеоянд, ки масъалаҳои инкишоф ва тараққии алоқаҳои тиҷоратию сармоягузориро дар миқёси макрорегиони Осиёи Марказӣ, инчунин дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ солҳои охир ба табъ расидаанд ва инчунин маводҳои ҷамъомадҳои илмӣ, назариявӣ ва методологӣ ва ҳамзамон, натоиҷи корҳои илмии дар Тоҷикистон ва дигар давлатҳои пасошуравӣ – Чин, Ветнам, ки ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ бахшида шудаанд, дарбар мегиранд. Дар ин рисола ҷиҳатҳои консептуалии тамоюлҳои мухталифи алоқаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ҳамчун асоси таҳқиқот қабул шуда, хусусан ба дигаргуниҳои институтсионалие, ки робитаҳои иқтисодии байни Тоҷикистону Хитойро дарбар мегиранд дар доираи дигаргуниҳои куллии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳ гаштаанд. Ҳадаф ва вазифаҳои дар назди диссертант гузошташуда талаб менамуданд, ки як қатор методҳои мухталифи тадқиқоти илмӣ аз қабили индуксия ва дедуксия, методи системавию таркибӣ, таҳлили эконометрикӣ, усули экспертиву таҳлилӣ, иқтисодиву риёзӣ, абстраксияи илмӣ ва ғайраҳо истифода гарданд.

**Сарчашмаи маълумотро** ҳисоботҳои солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, қарорҳо ва дигар фармоишҳои созмонҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ дар пояи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва методологӣ барои омӯзиши ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, хусусан дар сатҳи ҳамкориҳои саноатӣ дар шароити тағйирёбии муҳити геоиқтисодии ҷаҳонӣ инъикос ёфтаанд. Дар доираи чунин таҳлил, муаллиф маҷмуи пешниҳодҳои илмӣ-назариявӣ ва

методологиро пешниҳод намудааст, ки дорои ҷиҳатҳои муҳими таҳлилӣ ва навоварии илмӣ мебошанд:

1. Заминаҳои назариявӣ ва консептуалии густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар заминаи таҳлили илмӣ асоснок карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқ, хулоса бароварда шудааст, ки сиёсати иқтисоди хориҷии Хитой хусусияти неолибералӣ дошта, ба принсипҳои “тиҷорати озод” такя мекунад. Ин ҳолат зарурати ворид намудани тағйироти ҷиддӣ ба механизмҳои ҳамкориҳои зикршударо тақозо менамояд. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар бештар ифодагари манфиатҳои геосиёсии Хитой мебошанд. Аз ин ҷост, ки ниёз ба бознигарии равобити мазкур бо дарназардошти манфиатҳо ва эҳтиёҷоти ҳарду ҷониб ба миён меояд;

2. Дар раванди таҳқиқ муайян шудааст, ки миёни робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳамгироии мустақим вуҷуд дорад. Яке аз мушкилоти калидӣ – набудани мувозинати воқеӣ дар ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии ду кишвар мебошад. Ин масъала, бахусус, дар соҳаи муносибати воридот ва содирот намоён аст, ки дар Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси иқтисодӣ инъикоси ёфтааст. Натиҷаҳои таҳлил собит намуданд, ки ҳатто кишварҳое, ки дар муносибатҳои тиҷоратӣ бо Хитой тавозуни мусбат доранд, аз мувозинати комил дур мондаанд, зеро одироти онҳо бештар ба ашёи хом нигаронида шудааст. Бинобар ин, кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, бояд на танҳо ба кам кардани фарқиятҳои ҳаҷмии савдо, балки ба тағйир додани сохтор ва таносуби таркибии он талош намоянд. Илова бар ин, зарур аст, ки хавфҳои эҳтимолии иқтисодӣ, ки метавонад дар ҷараёни ҳамкорӣ бо Хитой ба миён ояд, зери назорати ҷиддӣ ва дар чорчӯби меъёрҳои қабулшуда қарор дошта бошанд;

3. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ собит намуд, ки бо афзоиши равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, зарурати тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тавассути истифодаи моделҳои гуногуни ҳамкорӣ ба миён меояд. Гуфтугӯҳои дуҷониба ва чандҷониба доир ба равандҳои ҳамгироӣ бояд бо такя ба

манфиатҳои муштарак ва ҳамоҳангшуда сурат гиранд. Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда рушди робитаҳои иқтисодию сармоягузорӣ дар байни Тоҷикистону Хитой аз омӯзиши инфрасохтори нақлиётӣ, инфрасохтори руйи роҳӣ, логистика, бандарҳои хушк вобастагии калон доранд. Зимни тавсеаи ин ҳамкорӣ, монеаҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ низ бештар эҳсос мегарданд. Бо дарназардошти ин, муаллиф талош намудааст роҳҳои муносибро барои таҳкими робитаҳои иқтисодию тиҷоратии миёни ду кишвар пешниҳод намояд. Таъкид мегардад, ки ин равандҳо асосан бо такмил ва рушди сохторҳои марбут ба истеҳсолот, воридот ва содирот амалӣ мешаванд;

4. Муайян шудааст, ки ояндаи рушдёбии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ба татбиқи самараноки барномаҳои иқтисодии мавҷуда вобастагии зич дорад. Аз дидгоҳи муаллиф, ҳар ду давлат бояд шабакаҳои логистикиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ба таври самаранок ташкил намоянд. Пешрафти воқеии ин равобит танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар иқтисодҳои миллии онҳо ба тағйироти ҷиддии сохторӣ дучор шаванд. Дар ин раванд, зарур аст, ки таваҷҷуҳи бештар ба манфиати содиркунандагони ашёи хом равона гардад, бо ҳадафи он ки тадриҷан ҳаҷми содироти ашёи хом коҳиш ёбад ва ба ҷойи он содироти маҳсулоти коркардшуда ва боарзиш афзоиш ёбад;

5. Дар ҷараёни таҳлили илмӣ муайян гардид, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой имкониятҳои васеи ҳамгироии савдо ва ҳамкориҳои истеҳсолӣ мавҷуданд. Ин захираҳоро метавон бо истифода аз таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои сотсиалистӣ дар чорчӯби Шурои ёрии иқтисодии байниҳамдигарӣ, ки то замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ амал мекард, фаъол гардонид. Он модел ба принсипҳои махсусгардонии истеҳсолот ва тақсимоти функсионалии фаъолияти иқтисодӣ байни кишварҳо асос ёфта буд. Маҳз чунин усули ҳамкорӣ метавонад дар шароити тағйироти сохтории иқтисодӣ ба коҳиш додани ихтилофоти мавҷуда мусоидат намояд;

6. Дар натиҷаи таҳлили амиқи илмӣ, самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой муайян ва асоснок карда шудаанд. Илман собит карда шудааст, ки пешрафти устувори ин равобит ба таҷдиди назар дар принсипҳо ва консепсияҳои ҳамкории иқтисоди хориҷии кишварҳо, инчунин ба коҳиш додани таъсири манфиатҳои геосиёсии Хитой дар ин раванд, вобастагии амиқ дорад. Ҳамин тавр, тадбиқи истифодаи механизми самараноки моделҳои шарикӣ миёни бахши давлатӣ ва хусусӣ аҳамияти хос дорад, зеро онҳо метавонанд ҳамчун василаи таъмини манфиатҳои мутақобилан судманд хизмат намоянд. Мувофиқи ҷустуҷӯҳои илмӣ ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистону Хитой бояд дар тахти таъсири омилҳои мухталифи инноватсионӣ, амалӣ гардонидани технологияҳои замонавии рақамӣ ҳамчун объектҳои муҳимтарини ҳамкорӣ роҳандозӣ гарданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**: Ба ҳимоя нуқтаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

–таҳқиқи амиқи принсипҳои назариявӣ ва методологӣ, ки заминаи рушди устувори мутавозинии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Хитойро ташкил медиҳанд, мавриди таҳлил ва асоснокқунӣ қарор гирифтаанд;

–бо усули таҳлилу тарҳрезии нуқтаҳои назари илмӣ вазъи мавҷудаи равобити иқтисодӣ, зарурати гузариш ба модели самараноки (интенсивии) ҳамкории дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ илман собит карда шуд;

–мушкилоту маҳдудиятҳо дар рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар бахши муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуқтаҳои назари илмӣ механизмҳои ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд.

–зарурати густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ бо назардошти тамоюли рушди босуръат дар самти муносибатҳои тиҷоративу сармоягузорӣ исботи илмии худро ёфтааст.

–имкониятҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Тоҷикистону Хитой мушаххас гардида,

роҳҳои таҳкими он дар сатҳи нишондиҳандаҳои нав ва рақобатпазир муайян гардидааст.

–самтҳои муҳими калидӣ ва афзалиятноки рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо дарназардошти манфиатҳои дуҷониба таҳлил ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати роҳҳои такмилдиҳии баъзе аз ҷузъиётҳои онҳо оварда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии диссертатсия** дар таҳқиқ ва асоснок намудани ақидаҳои назариявӣ ва методии дигаргунсозиҳои қатъии робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ ифода меёбад. Маводҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот барои боз ҳам аниқтар фаҳмидани зарурияти баланд бардоштани самаранокии чунин робитаҳо шароити мусоид фароҳам меоранд. Ҷиҳати боз ҳам аниқ сохтани масоили мазкур маълумотҳои дар диссертатсия таҳқиқшударо метавон дар раванди таълимӣ оид ба дарсҳои “Назарияи иқтисод” ва “Муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ” мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии диссертатсия** дар хулосаю пешниҳодҳое, ки аз таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бармеоянд, инъикос шуда, онҳо ҳамчун воситаи муҳим дар самти ташкил додани сиёсати берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ бо мақсади боз ҳам тезонидани суръати чунин робитаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо истифода хоҳанд гардид.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз ба ҳам пайвасти усулҳои исботгардидаи илмӣ-назариявие иборат мебошанд, ки дар раванди таҳқиқот истифода шуда, аниқии иттилоот, таҳлили илмӣ-оморӣ, назариявӣ, эконометрӣ ва дақиқии натоиҷи коркард ва интишорот, инчунин кифоягии ҳаҷми иттилооти таҳлилгардида тасдиқ мегардад. Хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои диссертант дар асоси омӯзиши комёбиҳои навтарини илми иқтисод ва гирифтани натоиҷи хусусиятҳои назаривӣ ва амалидошта пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 –

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад: III.5. – “Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рушд ниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳоиояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ ва, аз ҷумла, ҳамгироии иқтисодии Авруосиё”; III.11. – “Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ”; III.18. – “Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ”; III.22. – “Инкишофи ифрасохтори байналмилалии нақлиётӣ ва телекоммуникатсияҳо, нақши онҳо дар байналмилалишавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ”; III.25. – “Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Таззодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо”.

**Саҳми шахсии довталаб**. Муаллиф дар мукаммал гардидани назарияи самаранокии муносибатҳои сармоягузории байнисарҳадӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси таҳқиқи вазъи гузашта ва имрӯзаи робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ муаллиф ба хулосае омадааст, ки чунин робитаҳо чандон мукаммал нестанд ва аз назари манфиатҳои кишвар устувории рушди иқтисодро таъмин карда наметавонанд. Чунин хулосабарорӣ дар таърихи омӯзиши алоқаҳои навтарини байни ду ҷониб муҳим мебошад ва новобаста ба баъзе ноқисиҳо сазовори муҳокимаи сохторҳои баланди давлатӣ шуда метавонад. Муаллиф оид ба беҳбудии вазъият ва хусусан, суботкорона амалӣ гардонидани тағйироти қатъӣ ва ба вуҷуд овардани мақоми нави иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва таклифҳои шахсиро пешниҳод намудааст. Амалӣ гардонидани чунин хулосаю таклифҳо бидуни шубҳа, ба боло рафтан сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мадад хоҳад кард.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ ва илмию назариявӣ, инчунин дар мизҳои мудаввар мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Инчунин, маърузаҳои илмии муаллиф дар семинарҳои илмӣ ва конфронсҳои олимону омӯзгорони Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 5- мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулосаю пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, 178 саҳифаи матни асосӣ, 12 ҷадвал ва 5 диаграмма иборат мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Муқаддимаи диссертатсия** ба мубрамият, ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию ва методологии он, сарчашмаи маълумотҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии кории илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳон он, саҳми шахсии довталаб, интишори натиҷаҳои таҳқиқот, сохт ва ҳами диссертатсия бахшида шудааст.

**Дар боби аввал "Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти ҳамкориҳои иқтисодӣ дар шароити дигаргуниҳои геоиқтисодӣ"** равишҳои назариявӣ нисбат ба таҳқиқи ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ, равандҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ дар миқёси ҷаҳонӣ, инчунин таъсири вазъи имрӯзаи геоиқтисодӣ ба робитаҳои иқтисодӣ байни давлатӣ акси худро инъикос ёфтаанд.

Муаллиф ба масъалаҳои назариявӣ ва ҷиҳатҳои таърихии рушди муносибатҳои иқтисодӣ-байналхалқӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудааст ва доир ба ҳамаи омилҳое, ки ба чунин робитаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд, диққати махсус додааст. Ин ҷо сухан ҳам дар бораи таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфии омилҳо меравад. Муаллиф ба он ақида аст, ки робитаҳои болономбурда дар миқёси макроминтақаҳои ҷаҳон бо сабабҳои гуногун нобаробар рушд кардаанд. Рушди нобаробар на танҳо дар таҳти таъсири омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки бештар таҳти таъсири омилҳои сиёсӣ ба вуҷӯъ пайвастаанд. Ба масоили рушди нобаробари иқтисодӣ-

иҷтимоии дар давлатҳо ва макроминтақаҳои ҷаҳон ҳанӯз дар давраи Шуравӣ таваҷҷӯҳи зиёди илмӣ зоҳир карда мешуд. Ҳатто дар Тоҷикистон як қатор олимоне буданд, ки фаъолияти илмиашон ба масоили нобаробарии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ва минтақаҳо бахшида шуда буд (Ҳ.Азамқулов, С.Салбиев, Зарипов, Давлатов, Д.Қодиров, Зиёев ва ғайра). Ақидаи асосии ҳам олимони Шуравӣ ва ҳам пасошуравӣ оиди омилҳои асосии рушди нобаробари байни давлатҳо дар он аст, ки ба сифати омилҳои асосӣ онҳо рушди системаи умумиҷаҳонии мустамликадорӣ ва муносибатҳои империалистиро эътироф мекунанд, ки дар натиҷаи амалӣ гардонидани чунин муносибатҳо иқтисоди ҷаҳон ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

1. гурӯҳи давлатҳое, ки дар онҳо сатҳи коркарди маҳсулот баланд аст ва дар бозори ҷаҳон ин давлатҳои ба фурӯши маҳсулоти тайёр шурӯъ меварзанд;
2. гурӯҳи давлатҳое, ки танҳо ба истеҳсол ва содироти ашёи хом ва ё нимтайёр машғуланд.

Таҷрибаи беш аз 200 солаи чунин муносибатҳо нишон медиҳанд, ки нархи маводи тайёр, ё сатҳи баланди коркарддошта нисбат ба нархи ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ хеле тезтар меафзояд ва дар натиҷа ҷаҳон ба давлатҳои муттараққӣ ва қафомонда тақсим мешавад.

Таърихан ба ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ як қатор олимони иқтисодшиноси машҳури ҷаҳон аз қабили А.Рикардо, Э.Хекшер, Б.Олин, П.Кругман ва Ҷ.Бхагвати машғул шудаанд, ки таълимоташон манфиати давлатҳои пешқадами ҷаҳониро инъикос менамояд. Онҳо ба таври системавӣ асоснок менамоянд, ки ҳамкории байнидавлатии иқтисодӣ на танҳо оптимизатсияи тақсимоти захираҳо ва афзоиши самараноки истеҳсол, балки ба такмил ва ҳамоҳангсозии сохторҳои иқтисодии миллӣ низ мусоидат менамояд. Ин бобат ду назария, ки яке ба аввали асри 19 ва дигаре ба асри XX тааллуқ доштанд, дар илми иқтисод мавқеи калон пайдо намуданд. Яке назарияи бартариҳои муқоисавии Д.Рикардо ва дигаре назарияи тиҷорати байналмилалии Хекшер-Олин мебошад. Таҳлили ҷуқури ин ду таълимот нишон медиҳад, ки яке манфиати давлатҳои мустамликадори асрҳои

18-19-ро инъикос менамуд ва дигаре манфиатҳои давлатҳои муттараққии капиталистиро дар пеши назар медошт.

Назарияи афзалияти нисбӣ, мукофоти захираҳо ва моделҳои иқтисоди миқёспазир имкон медиҳанд равандҳои тағйирёбандаи иқтисодии минтақаҳои Осиёи Марказиро дар контексти равандҳои глобалӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд. Инро аз ҷадвали дар поён овардашуда дидан мумкин аст:

**Ҷадвали 1. - Низоми ҳамоҳангсозии равандҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ**

| Сатҳ | Субъект | Мақсад | Самт |
|---|---|---|---|
| Макросатҳ | Давлат | Расондани манфиатҳои кишвар ба сатҳи беҳтарин ва максималӣ | Соҳаҳои биотехнология, истеҳсоли доруворӣ, тибби муосир ва нигоҳубини саломатӣ, металлургия, саноати коркарди чӯб, комплекси агросаноатӣ, саноати химия ва нефтехимия, инфрасохтори иқтисодӣ, энергетика, истеҳсоли воситаҳои нақлиёт, комплекси телекоммуникатсионӣ, экологияи саноатӣ ва бахшҳои дигари марбут. |
| | | | |
| Микросатҳ | Корхона (ШФМ) | Ташаккул ва пешрафти шабакаҳои истеҳсолӣ ва фурӯш дар сатҳи байналмилалӣ бо мақсади ба даст овардани даромади назаррас | |
| Сатҳи фавқулмиллӣ | Иттиҳодияҳои байналхалқии интегратсионии иқтисодӣ | Муҳайё кардани шароити устувори амнияти иқтисодӣ барои ҳамаи иштирокчиён ва кафолат додани иҷрои манфиатҳои иқтисодии онҳо | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар ҳолати Тоҷикистон, ки иқтисоди он хусусиятҳои иқтисоди хурд ва вобастагӣ аз воридотро дорад, татбиқи механизми ҳамгирои иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус аз ҳисоби ҳамкориҳои стратегӣ бо Чин тавассути ташаббусҳои глобалии “Як камарбанд – як роҳ”, аҳамияти ҷиддӣ касб намудааст. Дар ин замина, ҷараёнҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки то соли 2023 ҳиссаи зиёда аз 40%-и сармоягузориҳои хориҷии умумиро ташкил додаанд, аксаран ба соҳаҳои энергетика, саноати истихроҷи маъдан, сохтмони инфрасохтори стратегӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона шудаанд. Ҳамзамон,

таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавқеи геостретегии Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ, имкониятҳои иловагӣ барои тавсеаи тиҷорат ва нақлиёт дар паҳнои долонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла CASA-1000 ва роҳҳои пайвастшавандани Тоҷикистон – Чин – Покистонро фароҳам овардааст.

Дар ин радиф, зарурати таҳияи механизми мукаммали ҳамоҳангсозии сиёсатҳои иқтисодӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, принсипҳои суботи макроиқтисодӣ ва талаботи бозори ҷаҳони, ҳамчун масъалаи муҳими стратегӣ зуҳур мекунад. Ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон дар ин шароити муосир бояд на тнҳо бар асоси принсипи афзалияти захиравӣ, балки тавассути истифодаи самараноки дипломатияи иқтисодӣ, рушди логистикаи минтақавӣ ва афзоиши иқтидорҳои содиротӣ роҳандозӣ гардад. Ин, ба навбати худ, талаб менамояд, ки низоми идоракунии давлатӣ дар бахши ҳамкориҳои иқтисодӣ, тавассути истифодаи механизмҳои таҳлилӣ, таъсир ва мониторинги сиёсати иқтисодӣ, такмил дода шавад.

Дар маҷмӯъ, таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар фазои геоиқтисодии муосир ҳамчун заминаи таҳкими амнияти иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва густариши робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои хориҷӣ арзёбӣ мегардад. Бо ин васила, масъалаи таҳияи модели миллии ҳамкории иқтисодӣ дар асоси хусусиятҳои геоиқтисодӣ, иқтидорҳои дохилӣ ва имкониятҳои глобалӣ, аҳамияти афзоянда пайдо мекунад ва ҳамчун самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ пешниҳод мегардад.

Геоиқтисодиёт як усули нав дар фаҳмиши равандҳои ҷаҳонӣ ва таъсис додани фазои геоиқтисодии байналмилалӣ аст, ки онро метавон бо як низоми сохторӣ тавсиф намуд, ки ҷузъҳои он чунинанд:

а) дар фазои геоиқтисодӣ ҷойгиршавии мавқеи афзалиятнок ба назар мерасад, ки дар он робитаҳои иқтисодии хориҷӣ аз рӯйи модели сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкунӣ сохта шудаанд;

б) дар системаи муосири хоҷагии ҷаҳонӣ занҷирҳои такрористеҳсолии байналмилалӣ (САИ) нақши асосиро

мебозанд, ки онҳо сарҳадҳои иқтисодии низомҳои минтақавӣ ва миллӣ, ки бар асоси иқтисод қарор доранд (на маъмурӣ), ташкил медиҳанд — ин нуқтаи асосии методологии геоиқтисодиёт мебошад.

Ҳар қадаре, ки мо дар бораи тарҳи нави ҷаҳон ҳарф занем, манбаи ҳама гуна истеҳсолот захираҳо мебошанд. Аз ин рӯ, барои сохтани модел ва механизми ҳамкории геоиқтисодӣ дар доираи СҲШ ба ҷанбаи захиравии масъалаи баррасишаванда, яъне байналмилалигардонии захираҳо диққати махсус додан лозим аст. Консепсияи муаллифӣ дар бораи байналмилалгардонии захираҳо асосан ба муттаҳидсозии захираҳое нигаронида шудааст, ки дар хориҷ аз кишварҳои аслӣ қарор доранд ва дар асоси созишномаҳои тарафайн барои ҳаллу фасли мушкилоти миллии онҳо истифода мешаванд. Ин муттаҳидшавӣ, ки ҳамчун ҳамгироии геоиқтисодӣ маъруф аст, бо муқаррароти методологӣ таҳким меёбад, ки ба ҳамаи навъҳои захираҳо дахл доранд ва хусусиятҳои онҳоро тавассути пайвандҳои сармоягузорӣ ва равандҳои такрористеҳсолӣ муайян мекунанд.

1. Дар замони муосир иқтисодиёт ба истеҳсоли намудҳои наву гуногуни маҳсулот, аз ҷумла молҳое, ки ҳамчун объект ё барнома дар лоиҳаҳои тиҷорати ҷаҳонӣ сохта мешаванд, гузашт кардааст. Тавлиди ин молҳо фақат дар занҷирҳои тавлиди дарозмуддат имконпазир аст, ки захираҳои гуногуни ҷаҳонӣ дар онҳо истифода мешаванд. Ин бо шаклҳои кӯтоҳи занҷири истеҳсол, ки дар доираи иқтисоди миллӣ амал мекунанд ва аз тақсимоти байналмилалии меҳнат таъсир мегиранд, фарқ мекунад.

2. Муттаҳидсозии захираҳо дар муҳити занҷирҳои такрористеҳсоли байналмилалӣ заминаи беҳтар намудани рақобатпазирӣ ба шумор меравад.

3. Рушди инноватсионӣ асосан аз сатҳи табдили захираҳо ва дараҷаи пайвастшавии онҳо дар занҷири сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ, ки ҳамчун «занҷири СТ» маъруф аст, вобаста аст. Захираҳо бояд на танҳо бо навъҳояшон, балки бо асоси сатҳи технологӣ ва ҷойгиршавии онҳо дар ин ҳуҷраи технологӣ (аз сатҳи содда то метатехнологӣ) тасниф карда шаванд.

4. Ҷаҳонишавӣ имкон медиҳад, ки самти ашёи хом дар иқтисоди миллӣ ба шакли рақобатпазир ва ҳамгиро дар низоми технологияи ашёи хом табдил ёбад.

5. Маънои истилоҳи “интегратсияи захираҳо” дар системаи «integration into» ин аст, ки ширкатҳо ва субъектҳои комилҳуқуқи занҷири истеҳсол ба он ворид мешаванд. Принсипи асосии ҳамкории геоиқтисодии субъектҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, махсусан дар истифодаи захираҳо, принсипи ҳамкории муштарак — истеҳсол ва фурӯши якҷоя мебошад, ки ин худро дар зерпринсипҳои зерин нишон медиҳад:

– эътирофи арзиши тамоми захираҳои воридшуда ба занҷир;

– иштироки баробарҳуқуқ дар тақсими даромадҳои умумии ҷаҳонӣ.

Парадигмаи пешниҳодшудаи геоиқтисодии ҳамгироии захираҳо дар асоси муттаҳидсозии захираҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо созишномаҳои тарафайн барои ҳалли масъалаҳои миллӣ равона шудааст ва барои ҳар як иштироккунанда имконияти дастёбӣ ба таъсири стратегиро фароҳам меорад. Хусусияти дигари геоиқтисодиёт, ки табиати иқтисодии ҳамгироии сармоягузорӣ ва такрористеҳсолкуниро шарҳ медиҳад, фаромарзӣ аст. Табиати ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ дар мавҷудияти ҷараёнҳои фаромарзӣ зоҳир мешавад. Фаҳмиши табиати глобалии ин ҷараёнҳо маънои пешгӯии траекторияи онҳо ва тайёр кардани «истеҳлокҳо» барои ҳамвор кардани унсурҳоро дорад. Ин марҳилаи аввали донистани ҷараёнҳои трансмарзӣ аст ва марҳилаи дуюм пайвастани низомҳои миллии худро ба ин ҷараёнҳои трансмарзӣ бо мақсади ба даст овардани таъсири стратегӣ (даромади ҷаҳонӣ) пешбинӣ мекунад.

Фаромарзӣ дар шароити модели геоиқтисодии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мафҳуми мураккабест, ки моҳияти он табиати иқтисодии ҳамгироии сармоягузорӣ ва такрористеҳсолиро дар доираи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат шарҳ медиҳад:

— ҳамбастагӣ, ҳамбастагии диффузии модулҳо (ва дигар сохторҳо) дар марзи қисмҳои байналмиллалигардондашуда, ки ба низомҳои гуногуни иқтисодӣ мансубанд, онҳоро ба сохторҳои ягонагии монолитии низоми САИ табдил медиҳанд;

— ҳамзамон, мансубияти такрористеҳсолкунӣ ба занҷирҳо ва маҳсулоти тайёри дар доираи он истеҳсолшуда ба кишварҳои гуногун;

— мансубияти як унсур ба кишварҳои гуногун вобаста ба мундариҷаи хусусиятҳои ба он хосбуда.

Ин равишро метавон ҳамчун асоси методологии муайян кардани пайванди (модули) ҳамкорӣ дар тамоми занҷири дарозшудаи такрористеҳсолӣ, ки тавозуни максималии манфиатҳои иштирокчиёни онро таъмин мекунад, ҳамчун дастгоҳи методологии мувофиқ барои қабули қарори стратегӣ дар қисми ҷамъоварии интегратсионӣ баррасӣ кард.

Чунин модел бояд бо он ҳадафҳое, ки дар ҳуҷҷати Стратегии рушди Тоҷикистон мушаххас гардидаанд, мувофиқат дошта бошад. Ин ҷо сухан дар бораи ҳадафҳои зерин меравад:

1. истифода бурдани бозори ҷаҳонӣ ва бозорҳои минтақавӣ, низоми муосири тиҷорати байналхалқӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ барои тезонидани суръати рушди иқтисодии Тоҷикистон;

2. амалӣ гардонидани дигаргуниҳо оид ба тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ки боиси афзоиши босуръати самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоии суръатҳои рушд мегарданд;

3. истифодаи робитаҳои иқтисодии байналхалқии ҷумҳурӣ барои расидан ба ҳадафҳои аз байн бурдани камбизоатӣ, то ба сатҳи нормативӣ баланд бардоштани сатҳи шуурнокии мардум ва коста намудани бекорӣ, таъмини суръатҳои баландтари рушди иқтисодии он минтақаҳое, ки ҳоло нишондиҳандаи пасти ҳаллу фасли масоили иҷтимоию иқтисодӣ доранд;

4. пойдор намудани сатҳи оқилонаи истеъмол ва зисти аҳолӣ.

5. Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ аз раванди рушди робитаҳои гуногуни устувори иқтисодӣ байни иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида, гурӯҳҳои кишварҳо ва субъектҳои дахлдори хоҷагидорӣ иборат мебошад. Он шакли махсуси фаъолият аст, ки ба тақсимоти байналмилалии меҳнат асос ёфтааст. Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ тавассути мубодилаи фаъол миёни кишварҳо амалӣ мешаванд, ки дар он сохторҳое чун ширкатҳо, корхонаҳо ва созмонҳои

истеҳсолкунандаи молу хизматрасонӣ ширкат меварзанд. Ин ҳамкорӣ дар шакли робитаҳои тиҷорати хориҷӣ, табодули илмӣ-техникӣ, ҳамкориҳои истеҳсолӣ, ҷалби сармоя, муносибатҳои асъорӣ ва молиявию қарзӣ, мубодилаи иттилоот ва ҷараёни интиқоли қувваи корӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ифода меёбад.

6. Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ табиати объективӣ дошта, аз раванди тақсимоти меҳнат, тахассуси байналмилалии истеҳсолот ва байналмилалигардонии ҳаёти хоҷагидорӣ бармеояд. Ташаккул ва рушди ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ бо тақвияти робита ва вобастагии байниҳамдигарии иқтисоди кишварҳои алоҳида муайян карда мешавад. Ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ ва рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат аз омилҳои табиӣ (табиӣ, ҷуғрофӣ, демографӣ ва ғайра) ва бадастомада (истеҳсолӣ, технологӣ), инчунин шароитҳои иҷтимоӣ, этникӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ-ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Имкониятҳо, дурнамо ва нақши ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ, аҳаммият, таносуби шаклҳо ва самтҳои асосии онҳо ба амиқ шудани тақсимоти байналмилалии меҳнат, гузариш ба намудҳои олии он мусоидат мекунанд. Намуди умумии тақсимоти байналмилалии меҳнат мубодилаи байналмилалии байнисоҳавӣ, аз ҷумла молҳои соҳаҳои истихроҷ ва коркарди кишварҳоро низ фаро мегирад. Тақсимоти хусусии меҳнат ба рушд ва бартарии савдои байналмилалии маҳсулоти тайёри соҳаҳо ва истеҳсолоти гуногун, аз ҷумла дар дохили соҳа оварда мерасонад.

**Дар боби дуюм “Вазъи кунунии ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой”** динамикаи гардиши мол ва сохтори содироту воридот байни Тоҷикистону Хитой, афзоиши сармоягузории Хитой ба Тоҷикистон бо назардошти миқёс, таркиб, самтҳо ва суръатҳои афзоиш, инчунин омилҳои асосии таъсиркунанда ба муносибатҳои тиҷоратию сармоягузории байни Тоҷикистону Хитой иброз гардидаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва ташаккули тағйирот густурда дар сохтори иқтисодии кишварҳо, ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Хитой на танҳо дар ҳаҷми савдо,

балки дар навгониҳои сохторӣ, сиёсии стратегӣ ва доираи меъёрӣ шакли муассири дорои хусусиятҳои микдорӣ ва сифатӣ гардидааст.

Аз оғози баркарорсозии дипломатия дар соли 1992, муносибатҳои мустақими тиҷоратии Тоҷикистону Хитой дар соҳаҳои тиҷорат, нақлиёт, энергетика, маориф ва молия марҳилаи устувор ва босуръати рушдро аз сар гузаштааст. Агар соли 1992 ҳаҷми гардиши мол байни кишварҳо танҳо якчанд миллион долларро ташкид медод, то соли 2023 он беш аз 1,5 млрд. долл. расид. Ғайр аз ин, аз соли 2015 то 2023 гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Хитой ба 89,5% зиёд гардидааст (диаграммаи 1.).




**Диаграммаи 1. - Тамоюли гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой (бо млн. доллари ИМА)**

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 – с. 316-326

Дар сохтори гардиши тиҷоратӣ дар соли 2023 гардиши молии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой 1503,2 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, аз он 20,9% ҳаҷми содирот ва 79,1%-и дигар аз ҳаҷми воридот иборат мебошад. Ҳарчанд ҳиссаи содироти Тоҷикистон аз бозори умумии Хитой (12,3%) дар муқоиса тангтар аст, аммо маҳсулоти табиӣ – мисли алюминий, пахта ва металлҳои қиматбаҳо маркази он мебошанд. Дар муқоиса бо соли 2015, ҳаҷми гардиши тиҷоратии байни кишварҳои беш аз 90% афзудааст.

Дар диссертатсия дар баробари ин таҳқиқи бозори дохилии кишвар оварда шудааст, ки вобаста ба воридоти маҳсулот Ҷумҳурии Халқии Хитой мақоми худро дар бозори дохилии кишвар хеле мустаҳкам намудааст, ки ба ҳолати мазкур асосан осон будани дастрасии маҳсулотҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба далели арзонии онҳо сабаб гардидааст. Аз ин рӯ, бо баррасии сохтори воридотии кишвар маълум гардид, ки сол то сол ҳиссаи воридоти Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон афзун гашта, (масалан, аз соли 2015 то соли 2023 55,7% афзуда, ба 1189,4 млн. доллари ИМА расидааст) таносуби он нисбат ба ҳаҷми воридоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди муайян зиёд гардидааст




**Диаграммаи 2. - Таносуби молҳои воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Халқии Хитой (бо ҳисоби %)**

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Диссертант қайд менамояд, ки дар бахши сармоягузорӣ, Хитой яке аз дурдахтариҳои асосии ҳолат кунунӣ арзёбӣ мешавад. Аз ҷадвали 2. бармеояд, ки соли 2023 он дар байни кишвраҳои сармоягузор ба Тоҷикистон бо 450,8 миллион доллар (16,1% аз умум) ҷойгоҳи дуюмро ишғол кард – аз он 31,8% сармоягузории мустақим ва 68,2% сармоягузориҳои ғайримустақимро ташкил додааст. Дар соли 2024 миқёси сармоягузории Хитой боз ҳам афзуда, ба 502,7 миллион доллари ИМА баробар гардид, ки ба 10,2% аз ҳаҷми умумӣ буд.

**Ҷадвали 2. - Ҳаҷми воридоти сармоягузориҳо дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар соли 2023**
**(бо ҳазор доллари ИМА)**

| | Ҳамагӣ: | аз ҷумла: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | сармоягузорихои мустақим | сармоягузорихои ғайримустақим | сармоягузорихои дигар |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| **Ҳаҷми умумии воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 2783975,2 | 284076,9 | 122,6 | 2499775,7 |
| **Ҷумҳурии халқии Хитой** | 450796,9 | 143507,0 | - | 307290,0 |
| **Ҷумҳурии Қазоқистон** | 911589,2 | 12081,6 | - | 199507,6 |
| **Италия** | 253723,6 | - | - | 253723,6 |
| **Федератсияи Русия** | 876667,0 | 41455,5 | - | 835211.5 |
| **Британияи Кабир** | 36280,0 | 9728,2 | - | 26557,6 |
| **ИМА** | 144646,8 | 6980,9 | - | 137665,9 |
| **Ҷумҳурии Люксембург** | 77407,3 | 2994,8 | - | 74412,5 |
| **Ҷумҳурии Узбекистон** | 6743,2 | 4,9 | - | 6738,3 |
| **Ҷумҳурии Сингапур** | 7917,3 | 7777,7 | - | 139,6 |
| **Ҷазираҳои Вирҷин** | 145724,7 | 6053,4 | - | 139671,3 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024 – с. 247-248.

Дар таҳлили иҷтимоӣ-маҳаллӣ, аксарияти сармоя (77,9%) ба пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе ва тақрибан 21% ба вилояти Суғд равона шудааст. Дар минтақаҳои дигар (Хатлон, НТҶ, ВМКБ) саҳомади сармоягузории хориҷӣ назаррас кам аст (ҷадвали 4), ки нишон медиҳад ҷалби баробар ва минтақавӣ ҳанӯз талаботи умдатар дорад.

**Ҷадвали 4. - Ҳаҷми сармоягузориҳо аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2023 (бо ҳазор доллари ИМА)**

| | Ҳамагӣ: | аз ҷумла: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | сармоягузор и-ҳои мустақим | сармоягузориҳо и ғайримустақим | сармоягузо-риҳои дигар |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Ҳаҷми умумии сармоягузориҳо | 2783975, 2 | 284076,9 | 122.6 | 2499775,7 |

| **Идомаи ҷадвали 4.** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **ба ҶТ** | | | | |
| **ВМКБ** | - | - | - | - |
| **Вилояти Суғд** | 586103,7 | 128285,7 | - | 4578677 |
| **Вилояти Хатлон** | 22626,7 | 16852,8 | 122,6 | 5651,8 |
| **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ)** | 6257,1 | - | - | 6257,1 |
| **ш. Душанбе** | 2168988,0 | 138988,9 | - | 2029999,1 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024 – с. 249

Дар бахшҳои афзалиятнок, сармоягузориҳои Хитой асосан ба тарҳҳои энергетикӣ (хатҳои интиқоли барқ, НБО), сохтмон (шоҳроҳҳо, нақбҳо), истихроҷ ва коркарди маъданҳо равона шуда, инчунин дар бахшҳои антропогенӣ (маориф, саломатӣ) низ саҳми зиёд дорад. Дар соли 2016 таҳти сармоягузорӣ аз ҷониби ширкати TBEA дар шаҳри Душанбе аввалин муассисаи таълимии хитои ташкил гардид; то соли 2018 чанд муассисаи дигар бо ҳузури беш аз 2200 донишҷӯи тоҷик дар Хитой таъсис дода шуд. Дар соҳаи энергетика ширкатҳо ба мисли TBEA хатҳои 220-чор 500 кВ-ро бо маблағи 377 млн. долл. сармоягузорӣ намуда, қарзҳои дарозмуддат дар миқёси 2% имтиёз пешниҳод карданд. Ба ибораи дигар, тарҳҳои энергетикӣ ва инфрасохтор дар мадди аввал гузошта шудаанд.

Ҷадвали 4. нишон медиҳад, ки қисми зиёди сармоягузориҳои хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ба шаҳри Душанбе рост омада, он ба 2168,9 млн. доллари ИМА (ё 77,9%-и ҳиссаи умумии воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дар вилояти Суғд ҳаҷми он ба 586,1 млн. доллари ИМА (ё 21,0%-и ҳиссаи умумии воридоти сармоягузориҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон) рост меояд. Дар минтақаҳои дигари кишвар, аз қабили вилояти Хатлон, НТҶ ва ВМКБ ҳиссаи воридоти сармоягузорӣ нисбатан кам мебошад. Бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои мазкур ҳамасола бо ташаббуси сарони давлатҳо чораҳои зарурӣ роҳандозӣ мегарданд.

Ба ҳайси яке аз чунин чораҳо: «ташкили ҳамкориҳои байниминтақавии Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Дар ин самт барои рушди соҳаҳои афзалиятноки яке аз минтақаҳои дурдасти кишвар (аз ҷумла ВМКБ) санаи 16-уми августи соли 2023 миёни намояндагони Вилояти мухтори Синтзияну

Уйғури Хитой ва намояндагони ВМКБ вохурӣ барпо гардид. Дар ин вохӯрӣ масъалаҳои зиёде баррасӣ гардида, дар он намояндагони Вилояти мухтори Синтзияну Уйғури Хитой аз самаранокии гардиши молҳо тавассути ағбаи Кулма изҳори сипос намуда, баҳри рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи иқтисодиёт, хоҷагии қишлоқ, сайёҳӣ ва ғайраҳо чораҳо андешиданд».

Ғайр аз ин, барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба минтақаҳои номбаршуда дарояндаи наздик, зарур аст, ки лоиҳаҳои сармоягузории бо имтиёзҳо омода шаванд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар самтҳои гуногун, аз ҷумла: самтҳои маориф, тандурустӣ, амният (мудофиа), саноат, кишоварзӣ, тиҷорат, энергетика ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманди дуҷонибаро идома дода истодаанд. Бо мақсади рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба зарурияти ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар самтҳои зерин ба миён меояд:

1. Ҳамкориҳо дар самти иқтисодиёти сабз;
2. Ҳамкориҳо дар самти рушди экология;
3. Ҳамкориҳо дар самти автомобилсозӣ;
4. Ҳамкориҳо дар самти техникаю технологияҳои навин;
5. Ҳамкориҳо дар самти тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;
6. Ҳамкориҳо дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва ғайра.

Навъҳои ҳамкориҳое, ки дар боло зикр гардиданд, аз назари имкониятҳои ҳарду тараф воқеӣ мебошанд ва ба манфиатҳои дуҷониба мувофиқат мекунанд. Амалӣ гардонидани онҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳадафи чоруми Стратегияи миллии рушд то соли 2030 комилан роҳандозӣ гардад ва барои тезонидани раванди саноатикунонӣ дар сатҳи рушди инноватсионӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

Инчунин, дар соҳаи молиявӣ механизми ҳамкории бонкӣ – байни Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявии хитоӣ таъсис ёфта, кор бо қарз ва грантҳо ҷараён гирифтааст. Дар баробари ин, кӯмаки башадӯстона ба Тоҷикистон дар пандемияи Ковид-19 (21 млн. долл.) ҳамчун далели амалисозии ҳамкории дуҷонибаи дастгирӣ мебошанд.

### Ҷадвали 5. - Воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон

| Давлатҳо | 2023 | | | | | 2024 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Вазни қиёсӣ | Мустақим | Чомадонӣ | Дигар | Ҳамагӣ | Вазни қиёсӣ | Мустақим | Чомадонӣ | Дигар |
| **Қазоқистон** | 212096,3 | 7,5% | 12081,6 | - | 200014,7 | 204740,8 | 4.2% | 15660,2 | - | 189080,6 |
| **Русия** | 877179,3 | 30,9% | 41455,5 | - | 835723,9 | 1700520,7 | 34,7% | 28950,0 | - | 1671570,7 |
| **Узбекистон** | 5802,5 | 0,2% | 9,8 | - | 5792,7 | 11927,8 | 0,2% | - | - | 11927,8 |
| **Британия Кабир** | 36333,8 | 1,3% | 9728,2 | - | 26605,6 | 81330,3 | 1,7% | 51120,7 | - | 30209,6 |
| **Ҷазираҳои Вирҷин** | 145724,3 | 5,1% | 6053,4 | - | 130671,3 | 279837,9 | 5,7% | - | - | 279837,9 |
| **Чин** | 412342,9 | 14,5% | 143507,0 | - | 268835,9 | 502693,5 | 10,2% | 150864,3 | - | 351829,2 |
| **Аморатҳои Араб** | 15150,9 | 0,5% | 689,5 | - | 14461,0 | 382603,2 | 7,8% | 65,0 | - | 382538,2 |
| **ИМА** | 147418,6 | 5,2% | 6980,9 | - | 140437,7 | 250843,7 | 5,2% | 118869,3 | 120,0 | 137854,1 |
| **Туркия** | 45472,5 | 1,6% | 29029,4 | - | 16443,1 | 26484,0 | 0,5% | 5834,4 | - | 20649,7 |
| **Швейтсария** | 26455,7 | 0,9% | 831,7 | - | 25624,0 | 29589,1 | 0,6% | 2038.4 | - | 27550,6 |
| **Чопон** | 22871,1 | 0,8% | 8325,5 | - | 14545,6 | 13345,0 | 0,3% | 5366,4 | 423,6 | 7555,0 |

**Манбаъ:** Омори солонаи фаъолияти иқтисодии хориҷии ҶТ. Душанбе, 2024. С. - 643

Дар маҷмӯъ, диссертант бо истифода аз таҳлили динамикаи гардиши тиҷоратии ду кишвар, таъсири нобаробарӣ ва қарзҳои кории импленентии Хитой, аксариятро ба шарҳҳои калон равона намудани қисмати асосии сармоя, инчунин бештар ба бахшҳои энергетика ва нақлиёт сафарбар намудани ба чунин хулоса меояд, ки:

гардиши тиҷоратӣ ва воридоти мол аз Хитой рӯз то рӯз афзоиш меёбад, аммо таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ зарур аст;

сармоягузории Хитой дар тарҳҳои стратегӣ самти асосиро ташкил медиҳад, вале вобастагии зиёд ба як кишвар ба тавассути риояи дигар сармоягузорон (ИМА, Аврупо, Бонки Умумиҷаҳонӣ, ОПЕК) тақвият ёбанд;

ҷалби муассиртар ба минтақаҳо яке аз равандҳои муҳими сармоягузории Чин мебошад ва чунин раванд бояд дар солҳои наздик пурзӯр карда шавад;

ҳам воридот ва ҳам сармоягузорӣ аз ҷониби Чин ба сиёсати табодули воридот, ки Тоҷикистон солҳои охир амалӣ мегардонад комилан мувофиқат кунад.

Дар боби сеюм «Дурнамои ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистон ва Хитой дар қаринаи вазъи кунунии геоиқтисодӣ» самтҳои афзалиятноки густариши ҳамкориҳои тиҷоративу сармоягузорӣ, таҳлили таъсири омилҳои геоиқтисодӣ ба муносибатҳои дуҷониба, инчунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии равобити иқтисодӣ ва коҳиши асимметрияҳои мавҷудаи тиҷоратӣ байни ду кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар фазои мураккаби геоиқтисодии ҷаҳонӣ ва минтақа, муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой аз масири ҳамкориҳои оддӣ фаротар рафта, ба модели мутавозини шарикии стратегӣ табдил ёфтаанд. Аз соли 2005 инҷониб, бо ҷалби сармояи назарраси чинӣ, кишвар ба марҳилаи нави рушди зерсохторӣ ва саноатӣ ворид шуд. Ба вижа, соли 2006 бастаи созишномаҳои қарзии байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эксимбонки Хитой оғози марҳилаи нави қарордодӣ гардид, ки заминаҳои воқеӣ барои рушди инфрасохторҳои миллӣ ба вуҷуд овард.

Дар диссертатсия таҳлили сохтори ҳамкориҳо нишон медиҳад, ки Чин дар зарфи ду даҳа ба бузургтарин сармоягузор ва қарздиҳандаи Тоҷикистон табдил ёфтааст. То соли 2023 ҳаҷми умумии сармоягузориҳоии мустақими чинӣ ба 2,7 млрд. долл. ва ҳаҷми умумии қарзҳо ба 890 млн. долл. расидааст. Аз рӯи таҳлили сохторӣ,

сармоягузориҳо асосан ба бахшҳои нақлиёт, энергетика, саноати кӯҳӣ ва инфрасохтор равона шудаанд.

Ҳамчунин, ҳамкориҳои дуҷониба дар чорчӯби СҲШ заминаи мустаҳками сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайдо карданд, ки дар натиҷа саҳми Чин дар татбиқи тарҳҳои стратегии марбут ба энергетика ва нақлиётӣ назаррас гардид. Ба ин восита, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва фазои ҳуқуқӣ таҳким ёфт.

Барои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ин рушди соҳаи гидроэнергетика мебошад. Ояндаи иқтисод ва сатҳи зиндагии мардум бевосита ба пешрафти ин соҳа вобаста аст. Аз ин рӯ: «гидроэнергетика дар ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Хитой ҳамчун бахши афзалиятнок шинохта шудааст. Тоҷикистон дорои захираҳои обии фаровон ва шароити мусоид барои рушди нерӯгоҳҳои обӣ мебошад. Тибқи гуфтаҳои мутахассисони Тоҷикистон, иқтидори захираҳои обии кишвар дар сатҳи ҷаҳон дар ҷойи ҳаштум қарор дорад.

Тоҷикистон омодааст, ки ширкатҳои чинӣ нақши бештаре дар сохтмони пойгоҳҳои энергетикӣ бозанд. Мутахассисони тоҷик таъкид мекунанд, ки бе афзоиши босуръати сохтмони нерӯгоҳҳои нав рушди дигар бахшҳои иқтисод ва таъмини нерӯи барқ барои аҳолӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Зеро Тоҷикистон захираҳои назарраси нафт ва газ надорад, ки камбудии нерӯро ҷуброн намояд. Ба ғайр аз ин, рушди иқтисоди кишвар дар оянда ба густариши саноати маъдани куҳӣ ва металлургия, ки талаботи баланди нерӯи барқ доранд, такя хоҳад кард. Ҳамчунин, ширкатҳои чинӣ ин вазъиятро хуб мефаҳманд, чунки онҳо аллакай дар баъзе минтақаҳои истихроҷи маъданҳои Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

Тибқи маълумотҳо, дар Тоҷикистон ҳудуди 450-500 кони маъданҳои фоиданок мавҷуд аст, ки аз онҳо тақрибан 100 кон барои истифодаи саноатӣ мувофиқ эътироф шудаанд. Тараққиёти саноати маъданӣ мустақиман ба захираҳои энергетикии кишвар вобаста аст.

Дар ҷумҳурӣ стратегияи раҳоӣ аз бунбасти нақлиётӣ амалӣ мегардад. Ин раванд асосан: «ба таъсиси як шабакаи ягонаи нақлиётӣ дар дохили кишвар ва пайвастани он бо низоми ҷаҳонии нақлиёт тавассути ҳамсояҳо, инчунин ҳамроҳ шудан ба созишномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия асос ёфтааст. Дар давраи солҳои 2005 то 2023 афзоиши миёнаи солонаи сармоягузорӣ ба соҳаи коммуникатсияҳои нақлиётӣ тақрибан 11,5

дарсадро ташкил дод. Тайи 20 соли ахир ба шарофати сармоягузориву бурсияҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон 62 лоиҳа, аз ҷумла 1,9 ҳазор километр шоҳроҳи ҷумҳуриявӣ, 35 пул, 29 километр нақб ва роҳҳои ба тарма тобовар амалӣ гардиданд ва ё дар марҳилаи ниҳоии татбиқ қарор доранд. Дар ин раванд нақши Хитой хеле муҳим ва таъсиргузор аст. Ҳиссаи ин кишвар дар рушди инфраструктураи нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон хеле назаррас мебошад».

Бо мақсади мустаҳкам намудан ва инкишоф додани алоқаҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶХХ як қатор самтҳои перспективии ҳамкориро муайян кардан мумкин аст, ки амалӣ гардонидани онҳо барои тезонидани раванди саноаткунонии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад:

Дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ:

1. Таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши ҳамаҷонибаи геологии минтақаҳои оиндадори нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Ташкили корхонаи муштарак оид ба коркарди конҳои ангишти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4. Ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи энергияи офтоб.

5. Азнавтаҷҳизонии техникии заводи шишаи «ЛАЪЛ» дар шаҳри Хуҷанд;

6. Сохтмони корхонаҳои хурди истеҳсоли маводҳои сафолӣ;

7. Таъсиси истеҳсолоти муштарак барои истихроҷ ва коркарди мармар;

8. Таъсиси корхонаи муштараки истехсоли трансформатор дар базаи заводи трансформатори Кургонтеппа;

9. Ташкили истеҳсолоти муштарак барои истеҳсоли рангу лакҳо аз асосҳои табиӣ ва синтетикӣ;

10. Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ (чинӣ, сафолӣ ва заргарӣ, коркарди чарму маснуоти чарм, термос, собун ва ғайра).

11. Ташкили корхонаи муштарак дар заминаи ҶСК «Тоҷикатлас» оид ба коркарди пилла;

12. Дар заминаи ҶСК «Тоҷиккабел» таъсис додани корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли маҳсулоти кабелӣ;

13. Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба сохтмони масолеҳи сохтмонӣ;

14.Ташкили гурӯҳи корӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи коркарди маъданҳои фоиданок, металҳои ранга, ашёи хоми саноати кимиё ва сангҳои қиматбаҳо;

15. Ташкили корхонаи муштарак оид ба истеҳсоли лампаҳои каммасраф. Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия:

ташкили корхонаи муштараки васлкунии мошинҳо дар заминаи корхонаҳои таъмири мошинҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

баррасии масъалаи иштирок дар маблағгузории сохтмони роҳи автомобилгард дар қитъаи Мурғоб – Тохтамиш ва сохтмони гузаргоҳҳои пулӣ дар қитъаи Анҷироби Поён – Шагон;

анҷоми сохтмони гузаргоҳи Хоруғ — Мурғоб—Кулма ба сӯйи роҳи автомобилгарди Кароқурум.

Дар ҳамин ҳол, таъсири омилҳои манфии дохиливу хориҷӣ, ба мисли фасод, номукаммалии низоми иҷозатдиҳӣ, низоми андозбандӣ ва заъфи қонунгузории сармоягузорӣ ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Бо вуҷуди ин, дар заминаи тағйирёбии модели рушди иқтисодӣ – аз модели барқарорсозӣ ба модели сармоягузории интенсивӣ нақши сармояи хориҷӣ, ба вижа сармояи Чин, дар рушди ММД ва таъмини суботи макроиқтисодӣ рузафзун гардидааст.

Яке аз хусусиятҳои махсуси сармоягузорони чинӣ ин аст, ки онҳо сармоягузории мустақимро дар иқтисоди Тоҷикистон бештар интихоб мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ширкатҳои чинӣ дар кишвар корхонаҳои худро таъсис медиҳанд ё саҳмияҳои корхонаҳои маҳаллии Тоҷикистонро харидорӣ менамоянд.

Илова бар ин, Чин қарзҳои имтиёзнокро бо фоизи солонаи паст (одатан 2-3%) ва барои муддати беш аз 20 сол пешниҳод мекунад. Аммо, аксаран барои гирифтани чунин қарзҳо шарт мегузоранд, ки лоиҳаҳо бояд бо иштироки ширкатҳои чинӣ амалӣ шаванд.

Мисоли равшане ин аст, ки соли 2020 ширкати сохтмони роҳҳои мошингард аз Чин бо маблағгузории ҷудокардаи худ дар қисмати марзии Қалъаи Хумб – Ванч – Рӯшон корҳои сохтмонӣ ва омодагӣ оғоз намуд. Ҳамчунин, ширкатҳои чинӣ дар навсозии роҳҳои муҳими кишвар, монанди Душанбе-Чаноқ (бо дарозии беш аз 400 км), Душанбе-Ваҳдат-Данғара-Кӯлоб ва нақбҳои Шаҳристону Дӯстӣ, Хатлон ва Озодӣ саҳм доранд ва ин лоиҳаҳо бо маблағҳои ҷудокардаи Чин амалӣ шуданд.




**Диаграммаи 3. - Тамоюли сармоягузории кишварҳои шарик**

Ба назар мерасад, ки Чин барои сохтмон ва таҷдиди баъзе корхонаҳо, ки ширкатҳои чинӣ масъул ҳастанд, қарзҳои бо имтиёз медиҳад. Ин қарзҳо бештар ба ширкатҳои чинӣ ҷудо мешаванд ва қисми маблағҳои ҷудошуда ба иқтисоди Чин бармегарданд, дар ҳоле ки Тоҷикистон то муддати дароз боқӣ мемонад, ки ин қарзҳоро баргардонад.

Русия, ки муддати тӯлонӣ яке аз шарикони муҳими иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, сармоягузориҳои мустақимро ба бахшҳои мухталифи иқтисод равона кардааст. Сармоягузориҳои Русия бештар ба соҳаҳои сохтмон, коммуникатсия, истихроҷи маъдан, тандурустӣ, саноати сохтмон ва энергетика равона мебошанд.

Дар бахши энергетика ва маориф низ Русия тарҳҳои муҳимеро дар Тоҷикистон амалӣ мекунад. Масалан, соли 2009 нахустин марҳилаи “Лоиҳаи дӯстӣ”-и Тоҷикистону Русия, ки неругоҳи барқи обии Сангтӯдаро ташкил медиҳад, мавриди истифода қарор гирифт. Ин неругоҳ бо афзоиши тавлиди барқ ба миқдори ҳашт миллион киловатт, мушкили камбуди барқ дар фаслҳои тирамоҳу зимистонро қисман бартараф намуд.

Таҳлили регрессионии диссертант дар асоси маълумоти солҳои 2004-2022 нишон медиҳад, ки коэффисиенти коррелятсия

байни сармоягузории мустақими Чин ва ММД ба 0,84 баробар буда, алоқамандии зичи иқтисодиро тасдиқ мекунад. Модели регрессияи ба таъхир (лаги 3) таҳияшуда, аҳамияти омории баландро нишон дода, саҳми бевоситаи сармоягузории чинӣ дар рушди иқтисоди миллӣ тасдиқ мешавад.

Диссертант қайд менамояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои иқтисодӣ, амалисозии як қатор ислоҳоти институтсионалӣ ва механизми таҳкими заминаҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ зарур мебошад. Аввалн, бояд низоми иҷозатдиҳӣ ва андозбандӣ бо талаботи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шавад. Баъдан, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии сармоягузорон, таъсиси трибуналҳои арбитражии мустақил ва коҳиши дахолати маъмурӣ ба фаъолияти хусусӣ зарур аст.

**Ҷадвали 6. - Натиҷаҳои моделсозии регрессионӣ**

| | | |
|---|---|---|
| *Омори регрессионӣ* | | |
| Коэффитсиенти коррелятсия | 0,9235 | |
| Коэффитсиенти детерминатсия | 0,8529 | |
| Миқдори мушоҳидаҳо | 19 | |
| *F-меъёри Фишер* | 29,005 | |
| | *Коэффитсиентҳо* | *t-статистика* |
| Y-аъзои озод | 16037,52 | 3,36 |
| $x_t$ | 9,831 | 2,51 |
| $x_{t-2}$ | 3,689 | 0,70 |
| $x_{t-3}$ | 13,825 | 2,27 |

**Манбаъ:** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф тартиб дода шудааст.

Модели нави рушди иқтисодӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи он амал мекунад, бояд ба диверсификатсияи сохтори содирот ва ҷойивазкунии воридот нигаронида шавад. Дар ин замина, афзалият бояд ба бахшҳои технологияи миёна ва баланд, бахасус коркард ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дода шавад. Тоҷикистон бояд дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ як платформаи ягонаи сиёсати иқтисоди минтақавӣ дар муносибат бо Чин ташкил диҳад.

Ба ақидаи диссертант самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ инҳоанд:

–саноати энергетикӣ: рушди ҳамгироии гидроэнергетикӣ, ба вижа бо дарназардошти иқтидори обии Тоҷикистон ва талаботи минтақаҳои Ғарбии Чин;

–саноати кӯҳӣ ва металлургӣ: коркарди маъданҳои ранга, бахусус тилло ва алюминий бо истифода аз технологияи баланд;

–нақлиёт ва инфрасохтор: сохтмони роҳои байналмилалӣ, нақбҳо ва терминалӣҳои логистикӣ бо сармояи муштарак;

–истифодаи захираҳои алтернативӣ: ворид намудани технологияи офтобӣ ва бодӣ барои диверсификатсияи таъминоти нерӯи барқ;

–саноати сабук ва нассоҷӣ: ташкили корхонаҳои муштарак бо занҷираи пурраи арзиши иловашуда дар дохили кишвар;

–маориф ва таҳсилоти касбӣ: кушодани марказҳои омӯзишӣ ва факултетҳои муштарак бо ҷалби донишгоҳҳои чинӣ;

–технология ва рақамикунонӣ: мусоидат ба воридсозии таҷҳизоти рақамии истеҳсолӣ ва таъмини дастрасии технологияи баланд барои субъектҳои хоҷагидорӣ.

Хулласи калом, Тоҷикистон бояд модели ҳамкориҳои худро бо Чин аз “шарики қарзгиранд ва мавриди таҷҳизотсозӣ” ба “шарики баробарҳуқуқи саноатсоз ва инноватор” тағйир диҳад. Дар ин замина, танзими ҳуқуқӣ, дастгирии сиёсати давлатии сармоягузорӣ ва баробарсозии минтақаҳо ба сифати вазифаҳои афзалиятноки стратегӣ арзёбӣ мегардад.

## ХУЛОСАҲО

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ боиси тағйироти куллӣ дар вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа гардид. Давлатҳое, ки пас аз ин рӯйдод пайдо шуданд, на танҳо истиқлолияти сиёсиро ба даст оварданд, балки барои таъмини сиёсатҳои мустақил дар дохил ва хориҷ аз тамоми имкониятҳо истифода бурданд ва талош карданд, ки муносибатҳои худро бо кишварҳои дигар дар асоси манфиатҳои миллӣ барқарор созанд. Ин раванд барои Тоҷикистон низ хос буд ва дар оғози соҳибистиқлолӣ аз ҷониби зиёда аз якчанд давлатҳо эътироф

гардид. Аммо дар он давра муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ дар кишвар ноустувор ва бенизом буданд, зеро идеологияи вақт ба манфиатҳои гурӯҳҳои маҳдуд нигаронида шуда, ба манфиатҳои умумии ҷомеа ҷавобгӯ набуд.

2. Дар робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, байни Тоҷикистон ва Чин асосҳои назариявӣ вуҷуд доранд, вале Тоҷикистон то ҳол консепсияи мушаххас ва равшанро барои рушди ҳамкориҳои худ бо Чин таҳия накардааст. Муҳимтарин чиз он аст, ки дар амал аксарият ба манфиатҳои ҷорӣ ва фаврӣ такя мекунанд, ки барои ҳар ду ҷониб қаноатбахш ба назар мерасад. Чин бошад, рушди иқтисод ва сиёсати худро дар асоси сотсиализм бо хусусияти миллӣ идора мекунад. Ҳамзамон, дар сиёсати хориҷӣ ва иқтисодии ин кишвар нишонаҳои неолиберализм мушоҳида мешавад, ки ба савдои озод ва мустақилона амал кардан асос ёфтааст. Чин бо истифода аз механизмҳои гуногун, аз ҷумла демпинг, талош дорад, бозорҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро васеъ намояд.

3. Буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ низ ба Тоҷикистон таъсири назаррас расонд ва ин вазъият роҳбарияти кишварро водор намуд, ки барномаҳои зиддибуҳрониро татбиқ кунад. Ғайр аз ин, паҳншавии бемории Covid-19 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонд. Дар ҳоли ҳозир тамоми кишварҳо барои ёфтани роҳҳои муассири баромадан аз буҳрон талош доранд. Ҳарчанд Тоҷикистон робитаҳои тиҷоратии худро бо Чин мустаҳкам кардааст, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин раванд комилан бе нуқсон нест. Дар илми иқтисоди кишвар ин мавзӯъ ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст ва олимон барои омӯзиши амиқтар зуруранд.

4. Рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва ҶХХ дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Дар ибтидо, асосан молҳои истеъмолӣ вориди Тоҷикистон мешуданд, ки нархи арзон доштанд ва ин ҳолат боиси баста шудани як қатор корхонаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ ва маҳаллӣ гардид. Дар марҳалаҳои минбаъда, Чин сармоягузориҳои худро бештар ба бахшҳои инфрасохтор, аз

қабили энергетика ва нақлиёт равона намуд, ки суръати рушдро дар ин соҳаҳо ба таври назаррас афзуд. Дар соҳаи саноат бошад, Чин ба истихроҷи ашёи хом аҳамияти махсус дод ва модели тиҷоратӣ бо ном “ташаккули маҳсулоти тайёр аз ашёи хом”-ро бештар татбиқ намуд, ки ин барои густариши капитализми бераҳм дар Чин мусоидат мекард.

5. Дар бахши тиҷорат ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Чин дар муддати дарозмуддат баробарӣ ва мувозинат ба назар намерасад. Ин номувозинатӣ дар содирот, воридот, маблағгузорӣ ва қарзҳои давлатӣ равшан аст. Аз назароти байналмилалӣ, савдои Тоҷикистон бо Чин аксар вақт манфӣ аст ва ин ҳолат ба нобаробарии равобит ишора мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки вазъ тағйир ёбад ва дар истеҳсол ва содироти маҳсулот ва хизматрасониҳо қисми ашёҳое, ки арзиши иловагӣ доранд, зиёд гардад.

6. Равандҳои имрузае, ки дар алоқаҳои тиҷоратии байни Тоҷикистону Чин вуҷуд доранд, имконият намедиҳанд, ки вазъи имрӯзаи ба таносуби содироту воридот мавҷудбуда, ба таври қатъӣ дигаргун карда шавад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки бештар аз 70%-и маваоде, ки аз Чин ба Тоҷикистон оварда мешаванд, дар худи Тоҷикистон истеҳсол намудан мумкин аст ва барои ин базаи пурсамари ашёи хом вуҷуд дорад. Барои амалӣ гардонидани нияти мазкур Тоҷикистон ба технологияҳои нав ва қувваи кории баландихтисос эҳтиёҷ дорад. Хеле хуб мешуд агар Чин Тоҷикистонро бо технологияи муосир, ки барои соҳаҳои табодули воридот зарур мебошанд, таъмин мекард ва инчунин, оид ба омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ аз миёни шаҳрвандони Тоқикистон чораандешӣ менамуд.

7. Зарур аст, то комиссияи муштараки робитаҳои иқтисодӣ ва илм-ғтехникӣ байни ду кишвар дар доираи идеологияи дақиқ, ки манфиати ҳарду тарафро на танҳо аз назари манфиатҳои имрӯза, балки манфиатҳои оянда ба назар мегирифта бошад, амал намояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳарду тараф дар асоси як идеология вобаста ба манфиатҳои рушди трарафайн фаъолият дошта бошанд. Ин талаб менамояд, ки тарафи Чин аз истифодаи идеологияи неолибералӣ зимни

ташкили робитаҳои иқтисодию сармоягузории худ ба Тоҷикистон даст кашад.

8. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло барои амалӣ гардонидани нақшаҳо дар самти тақвияти робитаҳои тиҷоратию сармоягузорӣ бо ҶХХ чораҳои зиёде андешида истодааст. Ба ақидаи мо, вақти он расидааст, ки дар ин самт лоиҳаҳои мукаммали дохилии кишвар дар мувофиқа ба лоиҳаҳои Лоиҳаҳои марбут ба Камарбанди иқтисодӣ ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар ҳоли коркард қарор доранд. Бо татбиқи онҳо имкониятҳои зиёди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон барои ташаккули кластерҳои саноатӣ ва истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд.

9. Робитаҳои иқтисодию сармоягузории байни Тоҷикистону Чин бояд торафт бештар дорои хусусиятҳои башардустона гарданд. Дар ин самт чунин нуқсонҳо аз қабили даст кашидани ширкатҳои Чин аз додани кулли нозукиҳои касбу кор ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ба миқдори зиёд истифода бурдани моддаҳои заҳрнок дар заминҳое, ки аз ҷониби Тоҷикистон ба ширкатҳои Чин дар асоси иҷора дода мешаванд ва ғайра, комилан нест карда шаванд.

## 2. Пешниҳодҳо барои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Муҳимтарин шарти ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар ҳамгирой ин тағйири куллии сохтори иқтисод аст. Бо вуҷуди ин, дар бисёре аз давлатҳои Осиёи Марказӣ масъалаи иваз кардани сохтори иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ нашудааст. Ба ҷои сохторҳои классикӣ — саноатӣ ва аграрӣ — шаклҳои наве пайдо шуданд, ки ҳам хусусияти аграрӣ ва ҳам саноатӣ доштанд, вале бахши кишоварзӣ дар ҳолати ниҳоят заиф қарор гирифтааст.

2. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бе назардошти омилҳои демографӣ ҳамоҳангсозии муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Чин ғайриимкон аст. Тоҷикистон миқдори зиёд муҳоҷирони меҳнатиро ба Русия ва кишварҳои дигари ҷаҳон мефиристад, ки маблағҳои онҳо барои иқтисоди кишвар хеле муҳиманд. Бо вуҷуди ин, маблағҳои воридшуда ба иқтисоди Чин равона мешаванд, ки бояд ба ислоҳотҳои ҷиддӣ

дар ин самт анҷом ёбад. Маблағҳои воридотӣ бояд ба такмили саноати миллӣ ва рушди иқтисоди дохилӣ равона гарданд.

3. Дар заминаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин зарур аст, ки муносибатҳо бознигарӣ ва бо назардошти манфиатҳои ҳарду ҷониб таҳия шаванд. То ҳол ин робитаҳо барои рушди макроиқтисодии Тоҷикистон таъсири мусбӣ надоштаанд. Барои муваффақ шудан дар рушд ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бояд усулҳои нави ҳамкорӣ ҷорӣ ва ба баланд бардоштани ҳиссаи бахшҳои истеҳсолӣ дар ММД равона карда шаванд. Ҳамгироӣ бояд ҳамчун омили асосии беҳбуди самаранокии иқтисодӣ дар сатҳи минтақа ва бахшҳо хизмат кунад ва дар ин раванд навовариҳо ва технологияҳои муосир бояд нақши калидӣ дошта бошанд, ки тавассути тақвияти робитаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ амалӣ гардад.

4. Барои он ки робитаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой самараи хуб ва устувор дошта бошад, зарур аст, ки идея ва стратегияи ҳамкорӣ аз нав таҳия ва ба куллӣ тағйир ёбад. Агар Чин орзу дошта бошад, ки дар Тоҷикистон муносибатҳои солими тиҷоратӣ дошта бошад, бояд нуқтаи назар ва сиёсати худро дар бахшҳои тиҷорат, сохтмон, молия ва истеҳсолот бознигарӣ намояд ва бо Тоҷикистон як консепсияи муштарак таҳия кунад. Барои ин мақсад, баргузор намудани конфронсҳо дар қаламрави ҳарду кишвар дарояндаи наздик муфид хоҳад буд, ки дар он масъалаҳои стратегӣ баррасӣ гардад ва як тасвири умумии ҳамкорӣ пешниҳод шавад. Бояд тадриҷан дар содироти Чин ба Тоҷикистон маҳсулоти муосир ва техникаҳои пешрафтаро афзоиш дод, ба ҷои молҳои истеъмолӣ ва арзон. Ғайр аз ин, Чин бояд танҳо он ашёеро ба Тоҷикистон ворид кунад, ки Тоҷикистон манбаи истеҳсоли онҳоро надорад.

5. Имрӯз ширкати Чин бояд дар равандҳои саноатикунонии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд, махсусан бо афзоиши содироти маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ба он кишвар. Барои ин зарур аст, ки ширкатҳои чинӣ кӯшиш намоянд, ки корхонаҳое, ки бар асари рақобати маҳсулоти чинӣ дар Тоҷикистон баста шудаанд, барқарор ва бо корхонаҳои наве иваз шаванд, ки сатҳи инноватсионӣ ва технологияи

баланд дошта бошанд ва тавонанд дар бозори ҷаҳонӣ рақобат кунанд.

6. Мувофиқи мақсад мебуд, агар сиёсати геополитикӣ ва геоиқтисодии Тоҷикистону Чин ба таври устувор бо ҳам мувофиқ кунонида мешуданд. Ин маънои онро хоҳад дошт, ки Чин барои дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам шудани мавқеи Тоҷикистон ва баланд бардории сатҳи рақобатпазирии содироти Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуд. Аз ҷумла дар доираи чунин мувофиқкунонӣ масъалаи ташаккул додани тахасуси Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати номгуи содирот ҳам ба Чин ва ҳам ба бозори ҷаҳонӣ ҳалли худро пайдо мекард.

7. Ҷорӣ намудани равияи қадам ба қадам дар беҳдошти стратегияи табодули содирот барои Тоҷикистон талаб менамояд, ки дар навбати аввал чунин ҳамкориҳо ба ғанӣ гардонидани базаи ашёи хом дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Яке аз чунин намудҳои ашёи хом ин истеҳсоли пахта ва коркарди нахи он мебошад.

## РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАГАРДИДА


1. Авдокушин Е. Ф. 70 лет КНР: от «большого скачка» к ехнологическому «прорыву» / Е.Ф. Авдокушин // Вестник РГГУ. Серия «Экономика. Управление. Право». – М., 2019. – № 4. – С. 116-132.

2. Алимов, Р.К. Таджикистан и Китай: курсом стратегического партнерства. Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества [Текст] / Р.К. Алимов. – Москва: 2014. – С. 127.

3. Курбонова, З.М. Политические аспекты процесса урегулирования государственной границы между Таджикистаном и Китаем // Автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. полит. наук (23.00.04) / З.М. Курбонова. – Москва, 2010. – С. 4.

4. Назаров, Т.Н. Таджикистан и Китай: сотрудничество на уровне стратегического партнерства [Текст] / Т. Назаров //

Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение умственных наук. –Душанбе, 2014. – №1. – С.8.

5. Шарипов, Ш.Ш. Установление и укрепление торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой (1991 – 2008 гг.) [Текст]//Автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук (07.00.02) / Ш.Ш. Шарипов, Таджикский Национальный Университет. – Душанбе, 2010. - С. 14.

6.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### А. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида

**1-М]. Обидов У.Ф.** Омилҳои рушди сармоягузориҳои мустақими хориҷии Чин // Обидов У.Ф. // Паёми Молия ва иқтисод. Душанбе. – 2024 - №4.2 (43). - С. 544-551. ISSN: 2663-0389.

**[2-М]. Обидов У.Ф.** Навовариҳо дар бизнеси байналхалқӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // М.Н. Ҳусайнов, У.Ф. Обидов, Н.А. Давлатов // Паёми Молия ва иқтисод. Душанбе. – 2024 - №4.2 (43). - С. 386-393. ISSN: 2663-0389.

**[3-М]. Обидов У.Ф.** Ташаккул ва рушди робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Чин // У.Ф. Обидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – №6. Қисми 1. – С. 140-148. ISSN: 2413-5151.

**[4-М]. Обидзода У.Ф.** Ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистон ва Чин: мушкилоти самаранокӣ ва дурнамои рушд // У.С. Асрорзода, У.Ф. Обидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025. – №8.– С. 113-119. ISSN: 2413-5151.

**[5-М]. Обидов У.Ф.** Таҳаввулоти равишҳои назариявӣ дар таҳлил ва арзёбии муқоисавии ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ сармоягузорӣ // П. Содиқзода, У.Ф. Обидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №3(58).– С. 301-306. ISSN: 2308-054X.

**Б. Дар дигар нашрияҳо:**

**[6-М]. Обидов У.Ф.** Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // У.Ф. Обидов, А.М. Муртазоев // Маводи конфронси байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ: ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ». - Душанбе, 21-уми феврали соли 2025. – саҳ. 497-501.

**[7-М]. Обидов У.Ф.** Внешний долг РТ как фактор развития нақионалйной экономики // У.Ф. Обидов, М.Н.Ҳусайнов, Ш.У. Азиззода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ». - Душанбе, 12-уми марти соли 2025. – саҳ. 102-110.

**[8-М]. Обидов У.Ф.** Таъсири фишанги молиявӣ ва таҳлили хавфи молиявии корхона дар замони муосир // У.Ф. Обидов, М.Н.Ҳусайнов, Н.А. Давлатов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили тақвияти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ». - Душанбе, 12-уми марти соли 2025. – саҳ. 156-164.

**[9-М]. Обидов У.Ф.** Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин // У.Ф. Обидов, // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами рушди соҳаи туризм дар шароити муосир». - Душанбе, 23-юми сентябри соли 2025. – саҳ. 5-13.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**На правах рукописи**

УДК: 331.556 (575.3)
ББК: 65.5 (2Т)
О-15

**ОБИДЗОДА УМЕД ФОЗИЛ**

# ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЯЮЩЕЙСЯ ГЕОЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В МИРЕ

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности 6D051300 – Мировая экономика (6D051301 – Мировая экономика)

**Душанбе - 2025**

Диссертация выполнена на кафедре мировой экономики Таджикского национального университета.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Асрорзода Убайдулло Саттор** – доктор экономичеких наук, доцент, Ректор Международный униреритет туризма и предпринимательтва Таджикистана |
| **Официальные оппоненты:** | **Содиков Метархон Сокибоевич** – доктор экономических наук, доцент Государственного финансово-экономического университета;<br>**Гулзода Фаррух Махмадшох** – доктор философии (PhD), главный специалист Ипольнительного аппарата Президента Республики Таджикистан |
| **Ведущая организация:** | **Государственный коммерческий университет Таджикистана** |

Защита диссертации состоится «03» 01. 2026 года в 9:00 часов на заседании диссертационного совета **6D.КОА-004** при Таджикском национальном унверситете. Адрес: 734025, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Буни Хисорак, студенческий городок, учебный корпус 8. E-mail: **shuro004@mail.ru**; телефон ученого секретаря: (+992) 902-42-66-55

С диссертации можно ознакомиться в научной библиотеке университета и на официальном сайте Таджикского национального университета **www.tnu.tj** .

Автореферат разослан «___»______________2026 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат экономических наук, доцент**  **Гулов Ш.М.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В условиях стремительной интеграции мировой экономики и трансформации геостратегических процессов исследование факторов повышения конкурентоспособности и расширения экономического сотрудничества приобретает особую значимость. Растущая мощь Китая в мировой экономике и его прямое влияние в регионе Центральной Азии, особенно в рамках инициативы «Один пояс — один путь», требуют всестороннего анализа факторов, влияющих на инвестиционные и торговые процессы между двумя странами.

Для Таджикистана, экономика которого по-прежнему находится в процессе формирования и диверсификации экспортных и платежных рынков, устойчивое экономическое развитие во многом возможно за счёт расширения торгового сотрудничества и привлечения иностранных инвестиций. В этом контексте изучение основных направлений инвестирования китайского капитала в различные отрасли экономики Таджикистана, в том числе в промышленность, энергетику и инфраструктуру, является важным шагом на пути укрепления и совершенствования основ долгосрочного развития. Кроме того, расширение сотрудничества на основе соответствующих договоров и соглашений, в том числе Соглашения о двустороннем экономическом и торговом сотрудничестве и совместных межправительственных инвестиционных программ, ещё более подчёркивает необходимость научного исследования в данном направлении.

Современные экономические сдвиги, в рамках которых происходит перестройка глобальных производственных цепочек и развитие процессов межрагиональной конкуренции оказывают определяющие воздействия на развитии торгово-инвестиционного сотрудничества между Китаем и Таджикистаном. Реализация национальных экономических интересов на завершающем этапе перехода к рынку встречается с рядом трудностей связвнных с нестабильными и в то же время стремительными трансформациями. Это требует глубокие анализи рисков, применения разнообразных сценарий при формировании внешнеэкономической политики Республики Таджикистан. Это позволит подвезти твердую научную основу для создания предпосылок стратегии внешнеэкономическихз связей, сбалансированной, эффективной и

гибкой инвестиционной политики. Отсюда можно прийти к выводу относительно актуальности диссертационного исследования, которая сводиться к тому, что выработанные в ходе исследования выводи и рекомендации окажутся в состоянии действовать в качестве научно-методологической базы для определенных государственных институтов при работе над программами взаимного экономического сотрудничества между названными странами.

Как известно в условиях нарастания конкуренции мировой экономики внешнеэкономические аспекты развития приобретают весьма важное значение. Отсюда следует, что торгово-экономическое сотрудничества между Таджикистаном и Китаем нуждается в глубокой научной оценке, что важно для регулирования процессов повышения конкурентоспособности. Более польного использования экспортных возможностей и становления иновационной инфраструктуры. Отмеченные выше связы сталкиваются рядом вызовов и проблем на путях укрепления место экономики страны в сложной геоэкономической системе. Именно этими моментами определяется актуальность диссертационной работы.

**Степень изученности научной темы.** Вопросы развития торгово-инвестиционного сотрудничества Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики стали объектом научного исследования ученых различных специальностей — таких как политология, экономика и специалисты, занимающиеся вопросами инфраструктурного развития. Среди ученых и специалистов, всесторонне изучавших проблемы развития торгово-экономических отношений между Таджикистаном и Китаем, можно выделить исследователей стран Центральной Азии и России: Парамонов В., Пейруз С., Мавлонова А.С., Сироежкин К.Л., Воробьёв А., Бараев А., Ларин А.Г., Примбетов С., Строков А.В. и других.

К сожалению, в работах вышеупомянутых ученых основное внимание уделяется общим вопросам развития сотрудничества между странами Центральной Азии и Китаем, а также взаимодействию между ЕАЭС и Китаем. Кроме того, в ряде исследований приоритет отдан политическим аспектам развития отношений между Центральной Азией и Китаем. В работах этих ученых недостаточно полно представлены материалы, касающиеся

торгово-экономического сотрудничества между отдельными странами и Китаем.

Вопросы развития торгово-инвестиционного сотрудничества отражены в работах Абдулло Р.Г., Абдилдаева Э., Асрорзода У.С., Алшанова Р., Галямовой В., Чакшенкулова А., Иманалиева М., Коукенова А., Курмановой А., Мадалиева О.А., Нарибаева М.К., Оразалиева Е., Ходжаева А., Умарова Х., Содикова М., Сафарова Б.Г., Портякова В.Я. и других.

Однако в трудах указанных авторов влияние глобального финансово-экономического кризиса, экономических санкций, охвативших сегодня весь мир, на развитие торгово-экономических отношений между Таджикистаном и Китаем не было полноценно раскрыто. Эти факторы побудили автора диссертации уделить им особое внимание в процессе выполнения исследования.

**Связь исследований с программами (проектами) и научными темами**. Торгово-инвестиционное сотрудничество между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой является одним из путей укрепления социально-экономического положения страны. Настоящая диссертационная тема разработана на основе анализа и изучения национальных и отраслевых стратегий и государственных программ Республики Таджикистан, таких как: Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Среднесрочная программа развития Республики Таджикистан на 2021–2025 годы и другие.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования** — заключается в разработке теоретических и методологических основ, а также практических подходов к укреплению торгово-инвестиционного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой в условиях меняющейся глобальной геоэкономической обстановки.

**Задачи исследования**. В рамках поставленной цели задачи диссертационной работы включают в себя следующее:

– изучение теоретических исследований по вопросам международного торгово-инвестиционного сотрудничества и разработка концептуальных подходов с учетом изменения геоэкономических процессов;

– выявление глобальных тенденций расширения торгово-инвестиционного сотрудничества и оценка основных предпосылок его развития;

– оценка структуры торгово-инвестиционного взаимодействия между Таджикистаном и Китаем посредством анализа динамики внешнеторгового оборота и других ключевых аспектов привлечения иностранных инвестиций;

– выявление внутренних и международных факторов, включая политические, экономические и правовые особенности, влияющих на уровень и качество экономического сотрудничества между Таджикистаном и Китаем;

– анализ механизмов взаимного влияния геоэкономических преобразований на перспективы развития торгово-инвестиционных отношений между двумя странами и формирование теоретической базы для продвижения стратегического партнерства;

